# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати докторони илми таърих, профессорон:

1. Зикриёева М. Ф. (раис)
2. Турсунов Б.Р. (узви ҳайат)
3. Акрамова С.Х. (узви ҳайат)

Рисолаи Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV», ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи муайяншуда ба рисолаҳои докторӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих пурра мутобиқат менамояд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант мубрам буда, ба яке аз давраҳои муҳими таърихи асри миёнаи халқи тоҷик бахшида шудааст.

Ҳарчанд доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди пажуҳиш аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ асарҳо ва мақолаҳои илмии зиёд навишта шуда бошанд ҳам, то ҳол бисёр масъалаҳои муҳимми мавзуи мазкур, аз ҷумла таърихнигории таърихи ин давра ба таври комил ва густурда мавриди таҳқиқ сурат нагирифтааст.

Рисолаи Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муаллиф дар боби аввал маъхазҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифта, парокандагии сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 40-уми асри XIV ва таҳқиқи масъалаи “Шуриши Сарбадорони Самарқанд”-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои боэътимод баровардааст.

Боби дуюми рисолаи Муродзода А.А. ба таҳқиқи “Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV” бахшида шудааст, ки муаллиф дар он оғози забткориҳои Темурро то фавти ӯ ва муборизаҳои ворисони ӯро пас аз марги Темур таҳқиқ намудааст.

Муаллифи рисола дар бобҳои сеюм ва чоруми рисола пас аз таҳлили муқоисавии маъхазҳои таърихии нимаи дуюми асри XV ба хулосае омадааст, ки дар натиҷаи мунокиша ва рақобатҳои хонаводагӣ дар мамлакат исёнҳо сар заданд ва ҳар даъвогари ҳукумат худро мустақил эълон намуданд, ки дар натиҷа дар мамлакат авазъи сиёсии ноустувор ба

амал омад. Шайбонихон бо истифода аз ин вазъ ба Мовароуннаҳр ҳуҷум намуд ва онро ишғол кард, ки диссертант охири асри XV - ибтидои асри XVI-ро шикасти империяи Темуриён тавсиф мекунад.

Дар боби панҷуми рисола муаллиф ҳалли масоили инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро бар мабнои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст, ки дар осори олимони узбек амалҳои харобиовари Темур ва Темуриён сарфи назар шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба таври густурда ва монографӣ таҳқиқ гашта, дар ин замина, нахустин бор дар илми таърихнигории имрӯзаи тоҷик лашкаркашиҳои бераҳмонаи Темур ва Темуриён, қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, қалъаҳо, ошӯбҳои мардумӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ, ки боиси нооором ва қаҳтию гуруснагии мардуми Мовароуннаҳру Хуросон гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаи ин таҳқиқро метавон ба ҳангоми баррасиҳои таърихнигории ин ва ё он даври таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин ҳангоми омӯзиши таърихи асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳру Хуросони давраи мазкур, таҳияи корҳои илмӣ, роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор, тартиб додани барномаҳо, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълими методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, таҳияи курсҳои махсус оид ба ҳокимияти Темур ва Темуриён дар минтақаи мавриди таҳқиқ истифода кард. Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои илмҳои инсонӣ ва иҷтимоии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон муфид мебошанд.

Мазмуни асосии рисола дар як монография, 26 мақолаи илмӣ, ки аз он 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп гардидаанд, баён шудааст.

Рисолаи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки рисолаи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Рисолаи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон «Таърихнигории таърихи Мовароуннахру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъҳазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя тавсия дода шавад.
2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

а). Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич – доктори илмҳои таърих, профессор
б). Муҳидинов Сайдалӣ Раҷабович - доктори илмҳои таърих, профессор
в).Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич – доктори илмҳои таърих, дотсент

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъйин карда шавад.
4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.
5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

Зикриёева М. Ф. - доктори илмҳои таърих, профессор

Аъзои комиссияи экспертӣ:

Турсунов Б.Р. - доктори илмҳои таърих, профессор

Акрамова С.Х. - доктори илмҳои таърих, профессор

Имзоҳоро тасдиқ мекунам

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

05.04.2025